**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ҷурақулзода Умрон Шодиқул тахти унвони “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.01.–Забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқот дар самти забоншиносӣ дар замони истиқлол ривоҷ ёфта, таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҷавон ба он бештар гардида истодаст. Бавижа таҳқиқи истилоҳоти соҳавӣ дар асоси маводи луғатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ яке аз масъалаҳои мубрами замони истиқлол ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқи мавзуи мазкур ба бисёр масъалаҳои номафҳуму ҳалнагардидаи забоншиносии миллии мо равшанӣ меандозад.

Истилоҳоти иқтисодии дар забони тоҷикӣ ташаккул ёфтаистода, дорои вижагиҳои сохторӣ ва семаникии ба худ хос буда, аз дигар гурӯҳҳои луғавию маъноӣ фарқ мекунад. Таркиби ин гурӯҳи истилоҳотро истилоҳоти аслии тоҷикӣ ва истилоҳоти иқтибосӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон ҷиҳатҳои маъноии истилоҳоти иқтисодӣ то кунун ба таври кофӣ таҳлили илмӣ карда нашуда, ниёз ба баррасии комил дорад.

Зикр кардан бомаврид аст, ки диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба мавзуи муҳим ва мубрам «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» бахшида шудааст.

Диссертатсия аз мундариҷа, муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар умум натиҷаҳои асосии рисола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия 155 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Пайдарпаии бобҳо мантиқан ба вазифаҳои дар назди рисола гузошташуда мувофиқ мебошанд.

Муқаддима фарогири мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ, аҳаммияти амалӣ, навгонии илмӣ, соҳаи таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри

таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуи таҳқиқ нав буда, доир ба ин мавзуъ нафаре таваҷҷуҳ накардааст. Дар доираи таҳқиқот хусусиятҳои луғавию сохтории ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод мавриди баррасӣ қарор гирифта, муҳаққиқ таҳлил ва таснифи соҳавии калима, истилоҳот, хусусиятҳои сохторию маъноии онҳо, баромади истилоҳотро дар асоси талаботи илмӣ анҷом додааст.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявию таҳқиқии хусусиятҳои лексикии ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ»** ном дорад. Дар ин боб доир ба масъалаҳои хусусиятҳои назариявии истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, таваҷҷуҳ гардида, диссертант дар адабиёти илмии муътамад таҳқиқ ва хулосабарорӣ кардааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва баромади истилоҳоти иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ва луғатномаҳои соҳавӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ, истилоҳоти соҳаҳои гуногуни иқтисод, аз он ҷумла бонкдорӣ, омор, молия, андоз ва ғайра сурат гирифта, баромади истилоҳоти иқтибосӣ муайян карда шудааст.

Дар асоси меъёрҳои муқарраргардида истилоҳоти иқтисодиро ба истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё ибораистилоҳот тасниф карда шудааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷагирӣ карда шуда, муҳаққиқ бо далелҳои муътамад хулосабарорӣ кардааст.

Бо вуҷуди дастовардҳо дар автореферати муҳаққиқ баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла:

1. Номи рисоларо кутоҳ ва мушаххас кардан зарур аст;
2. Таҳлили сохториву маъноии истилоҳотро мукаммалтар кардан ба манфиати кор аст;
3. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферат ғалатҳои имлоӣ ва грамматикии зиёд мушоҳида мешаванд.

Камбудӣ ва эродҳои мазкур асосан тавсиявӣ буда, ба мазмуну мундариҷаи автореферат халал намерасонанд ва арзиши илмии онро кам намекунанд. Автореферат пурра ба талаботи муқаррагардида мувофиқат мекунад.

Автореферати Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва

луғатномаҳо)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, ки аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Муаллими калони кафедраи
технологияи рақамӣ ва
амнияти киберӣ н.и.ф. Раҳимов Фарҳод Ҳасаналиевич
«_2_» _апрели_ 2025с.

Имзои номзади илмҳои филологӣ, Раҳимов Фарҳод Ҳасаналиевичро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З

Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 (37)224-17-86, 372-24-17-86
E-mai: linfo@apa.tj

«_2_» _апрели_ 2025с.